## Манъи вуруд чист?

Иҷозат надодани вуруд ба ФР бе иштироки шаҳрванди хориҷӣ, автоматӣ, бе тафтиши ҳуҷҷатҳо ва ҷаримаҳо сурат мегирад. Манъи вуруд чунин мӯҳлатҳо дорад:

**3 сол:**
- агар шумо дар ҳудуди ФР бе расмӣ кардани ҳуҷҷатҳои кор беш аз 90 шабонарӯз истода бошед, ҷамъулҷамъ дар муҳлати 180 шабонарӯз;
- агар шумо дар муҳлати се сол 2 ва зиёда ҳар гуна ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дошта, ҷарима шуда бошед дар муҳлати 3 сол;
- агар шумо муҳлати қонунии будубошатонро дар ФР беш аз 30 рӯз гузаронида бошед;

**5 сол:**
- агар шумо ба ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани режими муҳоҷират 2 ва зиёда маротиба дар 1 сол кашида шуда бошед;
- агар шумо муҳлати будубоши қонуниятонро дар ФР аз 180 то 270 шабонарӯз гузаронда бошед;
- агар шумо пештар аз ФР ронда ё депорт шуда бошед;

**10 сол:**
- агар шумо муҳлати будубоши қонуниро дар ФР зиёда аз 270 шабонарӯз гузаронда бошед.

Агар шумо ҳисобҳо, андозҳо ё ҷаримаҳои напардохта дошта бошед, полиси суғуртаи тиббӣ надоред, доғи судиятон сафед нашудааст, шуморо ҳақ доранд ҳангоми гузар аз сарҳад ба ҳудуди ФР роҳ надиҳанд.

## Чӣ тавр манъи вурудро фаҳмидан мешавад?

Агар шумо ҳангоми тайёр кардани ҳуҷҷатҳо аз хизмати миёнравҳо истифода карда бошед – мукин аст, ки ба шумо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ дода бошанд ва вуруди шумо ба ФР манъ карда шавад.

Ба миёнравҳо муроҷиат накунед — онҳо метавонанд ҳуҷҷати қалбакӣ диҳанд!

*Дуруст будани патенти корро дар ин ҷо санҷидан мумкин аст* — migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru

*Дар бораи он, ки шумо аз тарафи МВД России манъи вуруд шудаед ё не, аз намояндагиҳои ширкатҳои ҳавопаймоии Россия ё дар сайти ГУВМ МВД России аз ин ҷо маълумот гирифта метавонед* — сервисы.гувм.мвд.рф

*Маълумоти нисбатан муфассал дар бораи манъи вуруд ба ФР дар ихтиёри Пограничной службы ФСБ России мебошанд:*
- ps.fsb.ru
- pu.spb.lenobl@fsb.ru
- 8 812 578 03 12
- 8 812 438 61 94
- 8 812 438 64 77

## Манъи вурудро чӣ тавр бекор кардан мумкин аст?

Манъи вуруд ба Россияро метавонанд бо ин асосҳо бекор кунанд:

- дар асосҳои инсондӯстӣ — дар ҳолате ки исбот кардан шавад, ки хориҷ шудан аз Россия дар муҳлати нишондодаи қонун бо сабабҳои беморӣ, нигоҳубини хеши касал ё дигар ҳолатҳои фавқулодда ғайримумкин будааст;
- барои нигоҳдории ягонагии оила — дар ҳолате, ки яке аз аҳли оилаи шумо (зан/мард, фарзандон) шаҳрванди ФР бошад ва шумо наметавонед аз онҳо ҷудо шавед;
- бо тартиби авфи муҳоҷират — шартҳо ва муҳлатҳои авфро созишномаҳои байни ФР ва кишвари шумо муайян мекунанд;
- дар асоси ҳолатҳои нав маълумшуда — ҳолате, ки қарори суд иштибоҳан содир шуда бошад;
- баъди ба охир расидани муҳлати манъи вуруд;
- ҳангоми бартараф кардани сабабҳои манъи вуруд.

*Манъи вурудро бо муроҷиат кардан ба ин ҷо бекор кардан мумкин аст Главное управление по вопросам миграции МВД России — аризаро оид ба баррасиии манъи вуруд ба шакли электронӣ бо истифода аз шакли он дар сайти МВД России навиштан мумкин аст:* — мвд.рф

Ба ариза ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи бекор кардани манъи вурудро замима кардан лозим аст: шаҳодатномаи таваллуди фарзандон-шаҳрвандони ФР, шаҳодатномаи ақди никоҳ, маълумотнома дар бораи касалӣ ва ғайра.

Дар бобати радшавии баррасии қарор дар бораи бекор кардани манъи вуруд ба ФР ба суд шикоят кардан мумкин аст. Аризаи даъвоиро ба суде, ки раёсати ҳудудии Управления по вопросам миграции, дар маҳалли он ҷойгир аст, додан зарур аст.

## Ёрии бепули ҳуқуқӣ:

*Уполномоченный по правам человека в Санкт-Петербурге*
- ombudsmanspb.ru
- 8 812 241 46 77

*Горячая линия Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге:*
- 8 812 576 28 67

*Информационно-консультационный центр Красного Креста (машваратҳо ба гурезаҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ)*
- 8 800 333 00 16
- spbredcross.org

*БФ «ПСП-фонд (ёрии бепули ҳуқуқӣ)*
- 8 953 141 31 09 (горячая линия)
- 8 812 337 57 85
- psp-f.org
- migrussia.ru

## Хазинаҳои муфиди иттилоотӣ

- 78.мвд.рф/ms — *сайт Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области*
- migrussia.ru — *маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқшавӣ, робитаҳои муфид ва маводи иттилоотӣ бо чанд забон*
- migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru — *хазинаи интернетӣ барои муҳоҷирони Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге*

Разработка текста: **БФ «ПСП-фонд»**
Автор-составитель: **Якимов А.Н.**
Редактор: **Панич Б.Л.**
Дизайнер: **Костенко А. А.**
Тираж: **500 экз.**

Буклет «Ответственность за нарушение миграционного законодательства РФ» (на таджикском языке)

Изготовлено на средства субсидии Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

БФ «ПСП-ФОНД»

# Хуш омадед ба *Санкт-Петербург!*




# Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории ФР оид ба муҳоҷират

2022

Барои вайрон кардани қонунгузории муҳоҷират ҷавобгарии ҷиддӣ пешбинӣ шудааст — ҷарима, рондан, манъи вуруд ба Россия ва ҳатто маҳрум кардан аз озодӣ. Шумо бояд ҳатман талаботи қонунҳои Россияро риоя кунед ва аз ҳар гуна қонуншиканӣ барҳазар бошед!

## Чӣ тавр қонунҳои муҳоҷиратро риоя бояд кард?

Ҳар шаҳрванди хориҷӣ уҳдадор аст:

- сари вақт дар ҷойи омадааш сабти номи муҳоҷират (регистратсия) кунад;
- танҳо дар ҷойи сабти номи муҳоҷират шудааш истиқомат кунад;
- ҳангоми сабӣт номи муҳоҷират маълумоти дуруст диҳад;
- доимо бо худ шиноснома ва ҳуҷҷатҳои муҳоҷират (корти муҳоҷират, регистратсия, полиси тиббӣ) дар ҳолати тафтиши ҳуҷҷатҳо дошта бошад;
- дар корти муҳоҷират мақсади муҳоҷираташро ба ФР дуруст сабт кунаде – он бояд ба мақсади асосии фаъолиятатон (кор, таҳсил ва ғайра) мувофиқ бошад.

Коргарон аз Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Молдова ва Озарбойҷон инчунин уҳдадоранд:

- сари вақт патенти кор гиранд — на дертар аз муҳлати 30 рӯзи баъди вуруд;
- сари вақт ва пешакӣ (пешпардохт на камтар аз 1 моҳ) ҳақи патентро пардохт кунанд;
- доимо бо худ патенти корро бо чекҳои пардохти он гиред, ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳо даркор мешавад;
- танҳо бо ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда бо ихтисоси дар патент зикршуда кор кунед;
- сари вақт дар патенти кор тағйироти вобаста ба ихтисос, митақаи кор ё муҳлати амалро ворид кунед.

## Барои вайрон кардани қонунгузории муҳоҷират чӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст?

- Барои фаъолияти кории ғайриқонунӣ дар Санкт-Петербург — ҷарима 5000-7000 рубл ва рондан аз Россия.
- Барои пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ҳангоми баҳисобгирии муҳоҷират дар Санкт-Петербург — ҷарима 5000-7000 рубл ва рондан аз Россия.
- Барои вайрон кардани муҳлати муроҷиат барои гирифтани патенти кор беш аз 30 рӯз аз санаи вуруд — ҷарима ба андозаи 10000-15000 рубл.

## Рондан чист?

Рондани маъмурӣ аз Россия ду намуд аст:

- маҷбурии назоратӣ — вайронкунандаро дар Маркази боздошти муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ (ЦВСИГ) барои баъдан фиристонидан ба ватанашон нигоҳ медоранд.
- бо роҳи мустақилона таҳти назорат рафтан — вайронкунанда уҳдадор мешавад, ки ҳудуди Россияро дар муҳлати ду ҳафтаи баъди қувваи амал гирифтани қарори рондан тарк кунад.
- Вайрон кардани муҳлати баромадан аз Россия бо ҷарима ба миқдори 4000-5000 рубл ва рондани маҷбурӣ ҷазо дода мешавад.

- Рондан аз ФР бо роҳи мустақилона рафтан — аз ҳисоби шаҳрванди хориҷӣ ҳам метавонад сурат гирад Бо хабардор кардани УВМ ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области.

- Агар шумо пештар аз ФР ронда ё депорт шуда бошед — вуруд ба ФР ба муддати 5 сол аз замони рондан ё депорт шудан иҷозат дода намешавад.

- Агар шумор аз ҳисоби давлат ронда ё депорт карда бошанд, — шумо бояд ба ФР маблағи он хароҷотро пардохт кунед, вагарна ҳатто шуморо баъди анҷоми муҳлати манъи вуруд ҳам ба кишвар роҳ намедиҳанд.

Ҷазоро барои вайрон кардани соҳаи муҳоҷират суд муқаррар мекунад. Шумо дар суд ҳуқуқ доред, ҳимоятгар дошта бошед. Бо дархости шумо бояд тарҷумонро даъват кунанд. Қарори судро бояд ба забони бароятон фаҳмо пешниҳод кунанд. Шумо метавонед дар муҳлати 10 рӯзи гирифтани нусхаи хаттии қарор аз болои он шикоят кунед.

*Судҳои Санкт-Петербурга* — courts.spb.ru

## Маркази боздошти муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ

- Агар шумо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият, регистратсия надошта бошед, инчунин агар қонунгузории муҳоҷиратро такроран вайрон карда бошед – суд метавонад бо қарори худ шуморо ба ЦВСИГ (маркази боздошти муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ) барои баъдан ба ватан гусел кардан фиристонад.
- Агар шуморо дар ЦВСИГ ҷойгир карданд, кӯшиш кунед, ки зудтар ҳуҷҷатҳои худро барқарор кунед: боздошт дар ЦВСИГ метавонад то 2 сол давом кунад, агар имкони муайян кардани шахсият ва шаҳрвандии хориҷӣ мавҷуд набошад.

  Ҳатман ба консулгарии кишвари худ муроҷиат кунед ё аз хизмати ҳуқуқии бепули ташкилотҳои ҷамъиятӣ истифода баред.

**ЦВСИГ №1 ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области:**
- Санкт-Петербург, Красное Село, Кингисеппское шоссе, 51А
- 8 812 573 15 19
- 8 812 573 15 21

**ЦВСИГ №2 ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области:**
- Ленинградская область, г. Гатчина, ул. 120-й Гатчинской дивизии, д. 1, промзона 2, участок 3
- 8 81371 6 00 94

Суроғаи сафоратҳо ва консулгариҳои кишварҳои ИДМ (СНГ) дар Санкт-Петербургро аз ин ҷо дастрас кунед: migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru

Дар вақти нигоҳдории шумо дар ЦВСИГ ба шумо ин ташкилот ёрӣ дода метавонад Общественная наблюдательная комиссия (ОНК). Аъзои ОНК ҳуқуқ доранд, ки шароити нигаҳдории шаҳрвандони хориҷиро тафтиш кунанд, инчунин ёрии бепули ҳуқуқӣ расонанд.

**Общественная наблюдательная комиссия (ОНК) по Санкт-Петербургу**
- 191124, Санкт-Петербург, Суворовский пр. 62
- mail@onkspb.ru
- onkspb.ru